*“Тоҷикистони Советӣ”, No 11577,*
*25 апрели 1964, с. 3.*

**Устод Лоҳутӣ дар Ҳиндустон**

Китобхонаи илмии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин бо бисёр марказҳои илмии ҷаҳон робита дорад.

Чанде пеш аз Ҳиндустон китобе омад, ки онро донишгоҳи Алигарҳ интишор намудааст. Ин китоб ҷилди аввали «Баргузидаи шеъри форсии муосир» мебошад, ки онро доктор Муниб Раҳмон тартиб додааст. Китоби мазкур намунаҳои осори 39 нафар шоирони форсизабони муосирро дарбар мегирад.

Дар маҷмӯа аз қасида, ғазал, маснавӣ, қитъа, мухаммас, таркиббанд, тарҷеъбанд ва мустазодҳои шоирони машҳури муосири форсизабон намунаҳо оварда шудаанд.

Ба шоири инқилобӣ - яке аз асосгузорони назми советии тоҷик устод Абулқосим Лоҳутӣ мақоми махсусе дода шудааст. Доктор Муниб Раҳмон ба устод Лоҳутӣ 40 саҳифа бахшида, ду қасида («Кремл», «Ба духтари Эрон»), даҳ ғазал, панҷ маснавӣ («Сафари фарангистон», «Мардистон», «Маънии одам», «Дӯстам», порча аз «Парии Бахт»), як қитъа («Ба Ромен Роллан»), як мухаммас («Эрони ман»), ду таркибанд («Кӯдакони қолинбофи Эрон», «Бонги Эрони кӯҳна») ва як мустазод («Ҳама доно шудаем»)-и ӯро дарҷ намудааст.

Чунон ки маълум аст, алоқаи адабии тоҷикону ҳиндувон аз қадимулайём барқарор буд. Сарзамини ҳиндуҳо даҳҳо фозилони тоҷикзабонро аз қабили Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Бедилу Зебуннисо ба камол расонд, дар ин сарзамин чандин адибон, аз ҷумла Мушфиқию Урфӣ сарпаноҳ ёфтанд. Дар ин сарзамин садҳо фарҳангу тазкира оид ба забону адабиёти тоҷику форс, чандин куллиёту девонҳои шоирон ба табъ расидаанд.

Ин робита, ин шавқу мароқ ҳанӯз ҳам давом мекунад. Имрӯз ҳам дӯстони ҳиндустониамон ба калому адабиёти бадеии мо рағбат доранд. Ончунон ки мо асарҳои адибони машҳури Ҳинд: Р. Такур, Бҳатачария, П. Чанд ва дигаронро ба забони модарии худ мехонем.

Муниб Раҳмон асарҳои беҳтарини устод Лоҳутиро интихоб намудааст. «Кремл», «Мардистон», «Сафари Фарангистон» - аз арзандатарин дурдонаҳои назми тоҷик ва умуман адабиёти сермиллати советӣ ҳисоб мешаванд, ки ин асарҳо номи муаллифи худро дар қатори адибони оташинсухани пролетарӣ гузоштаанд.

Хонанда ҳангоми мутолиаи ғазалҳо ва дигар асарҳои устод Лоҳутӣ симои ботинӣ ва зоҳирии шоирро равшан тасаввур карда метавонад. Кас манзараи мудҳиши зиндагии заҳматкашони тороҷдидаи Эронро пеши назар меорад, бонги пурқудрати озодипарастон, садои даъваткунандаи шоири инқилобиро бараъло мешунавад.

Иртиҷопарастони эронӣ шоири ватанпарвару адолатҷӯйро таъқиб намуданд. Лоҳутӣ дар СССР паноҳ бурд, дар оилаи дӯсту тифоқи меҳнаткашони озодгардидаи советӣ ҷои арзандаи худро ёфт. Ватани советии мо ватани ӯ гардид. Устод Лоҳутӣ асарҳои басо таъсирбахшу шӯрангези худро дар мамлакати Советҳо, аксари онро дар Тоҷикистони мо офарид.

Аз ҳамин сабаб ҳам, қариб ҳамаи асарҳои дар «Баргузида» дарҷгардидаи устод Лоҳутӣ он асарҳое мебошанд, ки шоир онҳоро дар мамлакати Советҳо таълиф намудааст.

Албатта, хонандаи мӯҳтарам, мароқ зоҳир хоҳад кард, ки оё асарҳои устод Лоҳутӣ дар ин манзума бе ислоҳу тағйирот чоп шудаанд? Мо ба ин масъала низ диққат додем, қариб дар ҳамаи асарҳои овардашуда тағйироти ҷузъӣ ё калон ҷой дорад. Дар баъзе шеърҳо байтҳо пасу пеш оварда шудаанд, аз баъзеашон чанд байт ихтисор гардидаанд. Масалан, аз қасидаи «Кремл» 6 байт ва қисман калимаву иборахо иваз карда шудаанд.

Ҳатто баъзе мисраъҳо тамоман тағйир ёфтаанд. Масалан, як мисраи мусаммаси «Эрони ман» ба ин шакл дучор шуд: «Эй меҳин меҳан ҷавон бо дафъаи ин шар мешавӣ» (саҳ. 290) дар асл бошад, шоир ба ин тариқ гуфтааст: «Ту пас аз озодӣ аз ин шар музаффар мешавӣ» (Куллиёт, ч. 2, саҳ. 261).

Мутаассифона, тартибдиҳандаи китоб бисёр порчаҳои характернокро аз байни шеърҳои устод Лоҳутӣ партофтааст. Аз ҷумла, аз ғазали дар радифи «Чӣ медонӣ» ин байт:

*«Ба ҷилди саг ҳазорон гург дорад шоҳ дар галла,*
*Хиёнат кардани ин гуна чӯпонро чӣ медонӣ?»*

партофта шудаанд ва ғайраҳо.

Дар Ҳиндустон нашр шудани намунаи осори устод Абдулқосим Лоҳутӣ комёбии адабиёти советии тоҷикро нишон медиҳад. Ҳарчанд олимони иртиҷопарасти буржуазӣ (алалхусус, Эрону Покистон) Лоҳутиро сияҳ карда, ба муқобили осори ӯ мубориза шадид мебаранд, фикру ақидаҳои пешқадами устод Лоҳутӣ барқосо паҳн мегардад, ба дилҳо раҳ мeёбад.

**Раҳим МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**Файзалӣ НАҶМОНОВ.**

# Устод Лоҳутӣ дар Ҳиндустон

Китобхонаи илмии Университети
давлатии Тоҷикистон ба номи В. И.
Ленин бо бисьёр марказҳои илмии
ҷаҳон робита дорад.

Чанде пеш аз Ҳиндустон китобе
омад, ки онро донишгоҳи Алигарх
интишор намудааст. Ин китоб ҷилди
аввали «Баргузидаи шеъри форсии
муосир» мебошад, ки онро доктор
Муниб Раҳмон тартиб додааст. Ки-
тоби мазкур намунаҳои осори 39
нафар шоирони форсизабони муосир-
ро дарбар мегирад.

Дар маҷмӯа аз қасида, ғазал, мас-
навӣ, қитъа, мухаммас, таркиббанд,
тарҷеъбанд ва мустазодҳои шоирони
машҳури муосири форсизабон наму-
наҳо оварда шудаанд.

Ба шоири инқилобӣ — яке аз
асосгузорони назми советии тоҷик
устод Абулқосим Лоҳутӣ мақоми
махсусе дода шудааст. Доктор Му-
ниб Раҳмон ба устод Лоҳутӣ 40 са-
ҳифа бахшида, ду қасида («Кремль»,
«Ба духтари Эрон»), даҳ ғазал, панҷ
маснавӣ («Сафари фарангист о н »,
«Мардистон», «Маънии одам», «Дӯс-
там», порча аз «Парии Бахт»), як
қитъа («Ба Ромен Роллан»), як
мухаммас («Эрони ман»), ду тарки-
банд («Кӯдакони қолинбофи Эрон»,
«Бонги Эрони Кӯҳна») ва як муста-
зод («Ҳама доно шудаем»)-и ӯро
дарҷ намудааст.

Чунон ки маълум аст, алоқаи ада-
бии тоҷикону ҳиндувон аз қадимул-
айём барқарор буд. Сарзамини
ҳиндуҳо даҳҳо фозилони тоҷикзабон-
ро аз қабили Хусрави Деҳлавӣ, Ҳа-
сани Деҳлавӣ, Бедилу Зебуннисо ба
камол расонд, дар ин сарзамин чан-
дин адибон — аз ҷумла Мушфиқию
Урфӣ сарпаноҳ ёфтанд. Дар ин сар-
замин садҳо фарҳангу тазкира оид
ба забону адабиёти тоҷику форс, чан-
дин куллиёту девонҳои шоирон ба
табъ расидаанд.

Ин робита, ин шавқу шавқ ҳанӯз
ҳам давом мекунад. Имрӯз ҳам дӯс-
тони ҳиндустониамон ба калому ада-
биёти бадеии мо рағбат доранд, он-
чунон ки мо асарҳои адибони маш-
ҳури ҳинд: Р. Такур, Бҳатачария,
П. Чанд ва дигаронро ба забони мо-
дарии худ мехонем.

Муниб Раҳмон асарҳои беҳтарини
устод Лоҳутиро интихоб намудааст.
«Кремль», «Мардистон», «Сафари
фарангистон» — аз арзандатарин
дурдонаҳои назми тоҷик ва умуман
адабиёти сермиллати советӣ ҳисоб
мешаванд, ки ин асарҳо номи муал-
лифи худро дар қатори адибони ота-
шинсухани пролетарӣ гузоштаанд.

Хонанда ҳангоми мутолиаи ғазал-
ҳо ва дигар асарҳои устод Лоҳутӣ
симои ботинӣ ва зоҳирии шоирро
равшан тасаввур карда метавонад.
Кас манзараи мудҳиши зиндагии заҳ-
маткашони торочдидаи Эронро пеши
назар меорад, бонги пурқудрати озо-
дипарастон, садои даъваткунандаи
шоири инқилобиро бараъло мешуна-
вад.

Иртиҷопарастони эронӣ шоири
ватанпарвару адолатҷӯйро таъқиб
намуданд. Лоҳутӣ дар СССР паноҳ
бурд, дар оилаи дӯсту тифоқи меҳ-
наткашони озодгардидаи советӣ ҷои
арзандаи худро ёфт. Ватани советии
мо ватани ӯ гардид. Устод Лоҳутӣ
асарҳои басо таъсирбахшу шӯранге-
зи худро дар мамлакати Советҳо, ак-
сари онро дар Тоҷикистони мо офарид.
Аз ҳамин сабаб ҳам, қариб ҳамаи
асарҳои дар «Баргузида» дарҷгар-
дидаи устод Лоҳутӣ он асарҳое ме-
бошанд, ки шоир онҳоро дар мам-
лакати Советҳо таълиф намудааст.

Албатта, хонандаи мӯҳтарам, ма-
роқ зоҳир хоҳад кард, ки оё асарҳои
устод Лоҳутӣ дар ин манзума бе ис-
лоҳу тағьирот чоп шудаанд? Мо ба
ин масъала низ диққат додем, қариб
дар ҳамаи асарҳои овардашуда тағьи-
роти ҷузъӣ ё калон ҷой дорад. Дар
баъзе шеърҳо байтҳо пасу пеш оварда
шудаанд, аз баъзеашон чанд байт их-
тисор гардидаанд. Масалан, аз қаси-
даи «Кремль» 6 байт ва қисман ка-
лимаву ибораҳо иваз карда шудаанд.
Ҳатто баъзе мисраъҳо тамоман тағь-
ир ёфтаанд. Масалан, як мисраи му-
саммаси «Эрони ман» ба ин шакл
дучор шуд: «Эй меҳин меҳан ҷавон
бо дафъаи ин шар мешавӣ» (саҳ. 290)
дар асл бошад, шоир ба ин тариқ гуф-
тааст: «Ту пас аз озодӣ аз ин шар
музаффар мешавӣ» (куллиёт, ҷ. 2,
саҳ. 261).

Мутаассифона, тартибдиҳандаи ки-
тоб бисьёр порчаҳои характернокро
аз байни шеърҳои устод Лоҳутӣ пар-
тофтааст. Аз ҷумла, аз ғазали дар
радифи «Чӣ медонӣ» ин байт:

«Ба ҷилди саг ҳазорон гург дорад
шоҳ дар ғалла,
Хиёнат кардани ин гуна ҷӯпонро
чӣ медонӣ?».

партофта шудаанд ва ғайраҳо.

Дар Ҳиндустон нашр шудани на-
мунаи осори устод Абдулқосим Лоҳу-
тӣ комьёбии адабиёти советии тоҷик-
ро нишон медиҳад. Ҳарчанд олимо-
ни иртиҷопарасти буржуазӣ (алал-
хусус, Эрону Покистон) Лоҳутиро
сиёҳ карда, ба муқобили осори ӯ му-
боризаи шадид мебаранд, фикру ақи-
даҳои пешқадами устод Лоҳутӣ барқ-
осо паҳн мегардад, ба дилҳо раҳ
мееёбад.

**Раҳим МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**Файзалӣ НАҶМОНОВ,**
**аспирантҳои УДТ.**